# ТАҚРИЗИ

**роҳбари илмӣ ба диссертатсияи Шерзода Меҳрангез Абдувалӣ дар мавзуи “Проблемаҳои ҳуқуқи мадании танзими розигӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03 - Ҳуқуқи граждани; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ, ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ**

Диссертатсия Шерзода Меҳрангез Абдувалӣ дар мавзуи “Проблемаҳои ҳуқуқи мадании танзими розигӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03 - Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ, ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ дар шуъбаи ҳуқуқи хусусии Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон таҳия шудааст.

Шерзода Меҳрангез Абдувалӣ соли 2007 ба шуъбаи ғоибонаи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дохил шуда, онро соли 2012 бо ихтисоси ҳуқуқшинос хатм намудааст. Ҳоло дар вазифаи мутахасиси пешбари раёсати ёрии ҳуқуқӣ, робита бо ҷомеа ва воситаҳои ахбори оммаи Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон кор ва фаъолият менамояд.

Шерзода Меҳрангез Абдувалӣ барои таҳияи диссертатсия аз соли 2021 дар шуъбаи ҳуқуқи хусусии Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон ба ҳайси унвонҷӯй қабул гардидааст.

**Мубрамияти** таҳқиқот дар мавзуи «Проблемаҳои ҳуқуқи маданӣ танзими розигӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар он ифода меёбад, ки масъалаи розигӣ ҳамчун яке аз институтҳои муҳим ва бунёдии ҳуқуқи маданӣ дар ҳама муносибатҳои ҳуқуқӣ нақши калидӣ дорад. Дар шароити рушди муосири ҳуқуқи миллӣ ва татбиқи ислоҳоти судиву ҳуқуқӣ, масъалаи розигӣ ҳамчун шакли ифодаи иродаи тарафҳо дар шартномаҳо, муомилаҳои маданӣ, муносибатҳои шахсӣ ва молу мулкӣ ба яке аз унсурҳои асосии таъмини адолати ҳуқуқӣ табдил ёфтааст. Бесабаб нест, ки дар банди 39 Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2028, ки бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6- уми феврали соли 2018, таҳти №1005 тасдиқ шудааст, омадааст, ки: «дар муомилоти маданӣ гирифтани розигии шахси дигар (махсусан падару модар ё дигар шахсон) зиёд ба назар мерасад. Аз ҳамин лиҳоз, бояд дар Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон меъёрҳои мушаххас доир ба шакл ва тартиби гирифтани чунин розигӣ ва оқибати ҳуқуқии он мушаххас гардад».

Илова бар ин, мубрамияти мавзуъ аз чанд ҷиҳат низ асоснок мешавад: якум, оқибатҳои ҳуқуқии розигӣ пурра таҳқиқ нашудааст. Дар адабиёти ҳуқуқӣ ва амалияи судӣ дар бораи он, ки розигӣ кай воқеӣ ва дуруст шуморида мешавад,

ихтилофи назар вуҷуд дорад. Ин норасоиҳо ба устувории муомилоти мадани таъсир мерасонанд; дуюм, қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бисёр мавридҳо розигии тарафҳоро пешбинӣ менамояд, аз ҷумла, Кодекси маданӣ, Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон», Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳифзи маълумоти шахсӣ» ва ғайра, вале меъёрҳои возеҳ дар бораи шакли ифода, бекоршавӣ ё беэътибор донистани розигӣ дар баъзе ҳолатҳо номукаммаланд. Ин норасоӣ боиси ихтилоф дар амалияи судӣ ва таҷрибаи ҳуқуқтатбиқкунӣ мегардад; сеюм, дар муносибатҳои шартномавӣ, тиббӣ, иттилоотӣ ва моликиятӣ, масъалаи розигии озодона ва огоҳона ифодаёфта аҳаммияти муҳим дорад. Дар амал, аксар вақт розигии шахс ба шартнома ё ба коркарди маълумоти шахсӣ бе огоҳии кофӣ ва зери таъсири омилҳои беруна сурат мегирад. Ин ҳолатҳо ба поймолшавии ҳуқуқи шахс оварда мерасонанд; чорум, бо густариши иқтисоди бозорӣ ва муносибатҳои шартномавии байни шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, мавқеи розигӣ ҳамчун асоси эътимод ва кафолати амниятии муомилоти маданӣ бештар боло меравад. Таъмини возеҳии ҳуқуқии он барои рушди соҳибкорӣ ва сармоягузорӣ зарур аст; панҷум, дар ҳуқуқи байналмилалӣ ва таҷрибаи ҳуқуқии кишварҳои пешрафта, принсипи розигии озодона ва огоҳона яке аз меъёрҳои асосии ҳифзи ҳуқуқи инсон ва тарафҳои муомилот мебошад (масалан, дар Конвенсияи Аврупоӣ оид ба ҳимояи маълумоти шахсӣ, қонунгузории Иттиҳоди Аврупо таҷрибаи суди аврупоии ҳуқуқи инсон). Барои мутобиқ намудани қонунгузории миллӣ ба ин меъёрҳо таҳқиқи илмии ин масъала низ муҳим мебошад.

Аз ин рӯ, мавзуи «Проблемаҳои ҳуқуқи маданӣ танзими розигӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» дорои мубрамияти назариявӣ, амалӣ ва қонунгузорӣ буда, таҳқиқи он ба такмили асосҳои ҳуқуқии муомилоти маданӣ, ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои шахс ва баланд бардоштани фарҳанги ҳуқуқии ҷомеа мусоидат мекунад.

Бо ин мақсад мо қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистонро вобаста ба гирифтани розигӣ мавриди омӯзиш ва таҳлил қарор дода, таҷрибаи судиро ба назар гирифта, хулосабарориҳо намудем ва барои такмили қонунгузории маданӣ тавсияҳои назариявӣ ва амалиро пешниҳод намудем.

Ҳангоми таълифи таҳқиқоти диссертатсионӣ муаллиф аз таҳқиқоти олимони тоҷик, аз ҷумла Ойгензихт, В.А., Усмонов, О.У., Раҳимзода М.З. Маҳмудов М.А., Бобоҷонов, И.Ҳ., Бадалов, Ш.К., Исмоилов Ш.М., Шарофзода Р.Ш., Сангинов Д.Ш., Наботов С., Ғаюров Ш.К., Золотухин А.В., Султонова Т.И., Муртазозода Ҷ.С., Қодирзода Т.Қ. ва дигарон мавриди омӯзиш ва таҳлил қарор гирифта, дар матни диссертатсия ҷой дода шудаанд, ки ҳамаи он дар маҷмуъ мубрамияти таҳқиқоти гузаронидашударо мукаамал мегардонад.

Инчунин, ҳангоми таълифи диссертатсия муаллиф ба таври васеъ таҷрибаи судиро дар ин мавзуъ омӯхта, таҳлил намудааст, ки он дар матни диссертатсия

мавқеи махсусро ишғол менамояд, ки дар натиҷа камбудию норасоиҳо ҳангоми ҳуқуқтатбиққунӣ ошкор карда шудаанд.

Доираи масъалаҳое, ки ҳангоми таҳқиқоти илмӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд, ниҳоят васеъ буда, паҳлуҳои мухталифи он аз ҷониби олимони ватанӣ ва хориҷӣ мавриди омӯзиш қарор гирифта, дар ин самт назару андешаҳои худро иброз намудаанд. Аммо, бояд хотиррасон намуд, ки то ҳол дар илми ҳуқуқшиносии ватанӣ таҳқиқоти алоҳида дар ин самт анҷом дода нашудааст. Масъалаи «розигӣ» тибқи қонунгузории мадании Тоҷикистон ба таври комплексӣ умуман мавриди таҳқиқоти илмӣ қарор дода нашудааст. Дар адабиёти илмии ватанӣ баъзе аз паҳлуҳои мушкилоти розигӣ дар китобҳои дарсӣ, монографияҳо ва мақолаҳои алоҳида ба таври умумӣ баррасӣ гардидаанд.

Дар айни замон, қонунгузории маданӣ муқарраротҳои зиёдеро дарбар мегиранд, ки тибқи онҳо барои анҷом додани амалҳои ҳуқуқӣ розигӣ талаб карда мешавад, ки аҳд нестанд. Розигие, ки табиати ҳуқуқӣ дорад ва асосҳои ба вуҷуд омадани муносбатҳои ҳуқуқи маданӣ тағйир ва қатъ гардидани онҳо мегарданд то ҳол таҳти таҳлили пурраи илмӣ қарор нагирифта, тақозои таҳқиқоти онро талаб менамояд.

Инчунин, дар илми ҳуқуқи мадании ватанӣ то имрӯз вобаста ба таҳқиқоти «розигӣ», аломатҳое, ки ба намудҳои муайяни розигӣ хос мебошанд, шаклҳо, намудҳо, таснифот, тавсифи ҳама гуна изҳори иҷозатдиҳии ирода ва гуруҳбандии он, оқибатҳои ҳуқуқии амалҳои бе розигии зарурӣ анҷом дода шуда, мавриди омӯзиш қарор дода нашудаанд, ки ин бори дигар мубрам будани мавзуи таҳқиқоти диссертатсиониро исбот менамояд.

Ҳадафҳои тадқиқоти диссертсионӣ омӯзиши ва таҳқиқи ҳамаҷонибаи ҳуқуқии проблемаҳои назариявӣ ва амалии танзими розигӣ дар муносибатҳои маданӣ, таҳияи самтҳо ва усулҳои омӯзиши минбаъдаи онҳо, инчунин такмил додани дастгоҳи мафҳумӣ дар доираи проблемаҳои номбаршуда мебошад. Ҳадафҳои зикршуда дар таҳқиқоти диссертатсионӣ ба миён гузоштан ва ҳалли вазифаҳои ба ҳам алоқамандро пешбинӣ намудаанд, ки онҳо бо омӯзиши моҳият ва табиати ҳуқуқии падидаи «розигӣ» ва амалҳои ҳуқуқи маданӣ вобаста ба он, таҳлили масъалаҳои вобаста ба ирода ва ифодаи он дар ҷараёни бастани аҳдҳои маданӣ, муайянсозии мафҳуми «розигӣ» ҳамчун амали мустақил ва таҳқиқи хусусиятҳои фарққунандаи он, таснифоти розигӣ дар муносибатҳои ҳуқуқӣ маданӣ, баррасии шаклҳои ҳуқуқии розигӣ, муайян кардани вазифаҳои танзимкунандаи розигӣ, тартиби амали намудани розигӣ тибқи қонунгузорӣ, таҳқиқи оқибати амалҳое, ки бидуни гирифтани розигии зарурӣ анҷом дода шудаанд, пешниҳоди тавсияҳои назариявӣ ва амалӣ оид ба такмили қонунгузорӣ ва ғайраҳо мебошанд, ки муаллиф аз иҷрои пурраи онҳо баромадааст.

Ҳангоми навиштани рисола муаллиф аз усулҳои диалектикӣ, мантиқӣ, усули муқоисавӣ–ҳуқуқӣ, инчунин таҳлили низомноки чараёнҳои аҳаммияти ҳуқуқӣ дошта ташкил медиҳанд. Истифодаи ин усулҳо имкон фароҳам овардааст, ки масъалаҳои танзими розигӣ дар ҳуқуқи маданӣ объективона ва ба шароити Тоҷикистон мувофиқ таҳлил карда шавад. истифода кардааст.

**Нововарии таҳқиқоти** рисола дар он зоҳир мегардад, ки баррасии падидаи «розигӣ» нахустин таҳқиқоти диссертатсионӣ дар Тоҷикистон буда, дар он масъалаҳои муайян кардани табиати ҳуқуқӣ-мадании хусусиятҳои асосӣ, шаклҳои баён, намудҳои зоҳиршавӣ ва тартиби додани розигӣ муайян ва баррасӣ карда шудаанд. Дар натиҷаи таҳқиқот аз ҷониби диссертант асоснок карда шудааст, ки худ падидаи розигӣ як навъи махсуси амалӣ ҳуқуқӣ шуморида шуда, аз мазмуни муносибатҳои ҳуқуқӣ дар қонун ё шартнома дарҷгардида замина гирифта, амали яктарафа ифодаи иродаи субъектони муносибатҳои маданӣ ба ҳисоб меравад.

Диссертатсия аз муқаддима, се боб, шаш зербоб, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи натиҷаҳои назариявӣ ва амалии таҳқиқот ва феҳристи сарчашмаҳои истифодашуда иборат мебошад, ки ба мақсад, вазифа ва мантиқи таҳқиқот асос ёфтаанд. Ҳаҷми умумии дисертатсия 207 саҳифаро ташкил медиҳад.

Дар **муқаддима** мубраммият ва аҳаммияти мавзуи таҳқиқот асоснок шуда, ҳадафу вазифаҳо, объект ва мавзуи таҳқиқиқот, навгониҳои илмӣ, муҳиммияти амалии натиҷаҳои бадастовардашуда возеҳу равшан муайян карда шудаанд.

Боби якум **“Табиати ҳуқии розигӣ ва ифодаи ирода дар ҳуқуқи маданӣ”** номгузорӣ гардида, аз ду зербоб иборат мебошад.

Зербоби якуми Боби якум **“Мафҳуми «розигӣ» ва аҳаммияти он дар ҳуқуқи маданӣ”** буда, дар он истилоҳи «розигӣ» ҳамчун категорияи ҳуқуқи маданӣ чӣ дар қонунгузорӣ ва чӣ дар илми ҳуқуқшиносӣ мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Муаллиф қайд менамояд, ки дар моддаи 32 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ гардидааст, ки: «Ҳар кас ҳуқуқ дорад соҳиби моликият ва мерос бошад. Ҳеҷ кас ҳуқуқ надорад ҳуқуқи шахсро ба моликият бекор ва маҳдуд кунад. Молу мулки шахсро барои эҳтиёҷоти ҷамъият фақат дар асоси қонун ва розигии соҳиби он бо пардохти арзиши пуррааш давлат гирифта метавонад. Товони зарари моддӣ ва маънавие, ки шахс дар натиҷаи амали ғайриқонунии мақомоти давлатӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, ҳизбҳои сиёсӣ, дигар шахсони ҳуқуқӣ ва ё шахсони алоҳида мебинад, мувофиқи қонун аз ҳисоби онҳо рӯёнида мешавад.». Ба андешаи муаллиф, ин шаҳодати он мебошад, ки Тоҷикистон дар сатҳи конститутсионӣ моликияти хусусиро дахлнопазир эълон намуда, гирифтани молу мулки шахсро барои эҳтиёҷоти ҷамъиятӣ танҳо дар асоси қонун ва розигии соҳиби он бо пардохти арзиши пуррааш имконпазир медонад. Яъне, дар ин ҷо «розигии соҳиби молу мулк» омили калидӣ мебошад.

Аз ин рӯ, қонунгузории маданӣ бояд намудҳоеро пешбинӣ намояд, ки розигӣ барои анҷом додани аҳд – пешакӣ ва минбаъда, муқаррар намудани талаботи аниқии розигӣ, пешбинӣ намудани шакле, ки бояд дар он розигӣ ба аҳд изҳор карда шавад ва оқибатҳои мавҷуд набудани розигии заруриро танзим менамояд (баҳсталабии аҳд) ё беэътибор будани он нисбат ба шахсе, ки ба розигӣ ваколатдор аст, танзим карда шавад. Тавре қайд намудем, масъалаҳои зиёди он ҳангоми таҳия ва қабули КМ ҶТ ба назар гирифта шудаанд.

Муаллиф бар он ақида мебошад, ки ба ин нигоҳ накарда, баъзе аз масъалаҳои ҳалталаби категорияи розигӣ то ба охир ҳаллу фасли худро дар қонунгузорӣ наётанд. Ба ақидаи ӯ дар муқарраротҳои меъёрҳои қабулшуда умуман мазмуни чунин розигӣ ифшо мешаванд, вале дар бораи шакле, ки бояд чунин розигӣ дода шавад, на дар ҳама ҳолат роҳи ҳалли худро ёфтааст. Инчунин, дар бораи субъектҳое, ки бояд розигӣ диҳанд ё гиранд, ба пуррагӣ маълумот ҷой надорад. Ҳамзамон, маълум нест, ки сухан дар бораи зарурати гирифтани розигӣ барои ҳар як муомилоти шабеҳ меравад ё оё имкон дорад, ки розигӣ барои анҷом додани муомилоти як навъ имконпазир бошад.

Ҳамин тавр, розигӣ метавонад амали қонунӣ эътироф карда шавад, агар он ба қонун ё созишномаи тарафҳо, ки ба қонун асос ёфта бошад. Бояд гуфт, ки розигӣ амали яктарафа мебошад. Барои ба амал омадани таъсири ҳуқуқии алоқаманд, ифодаи муқобили ирода аз ҷониби ягон субъект талаб карда намешавад. Розигӣ бояд танҳо ба таваҷҷӯҳи шахсе расонида шавад, ки ҳуқуқу

уҳдадориҳояш аз будан ё набудани он вобаста аст. Аз ин рӯ дар шартномаҳое, ки ҳангоми бастани онҳо розигии шахси сеюм зарур бошад, пас дар аксар вақт шахсони манфиатдор дар чунин аҳд якчанд фард баромад карда метавонад.

Зербоби дуюми Боби якум **"Ирода ва ифодаи он ҳангоми бастани аҳдҳои маданӣ"** буда, тарзҳои ифодаи ирода дар бастани аҳдҳои маданӣ таҳқиқ гардидааст. Равишҳои асосии баррасии мафҳуми «ирода»–ро муаллиф чунин муайян намудааст: ирода чун рафъи монеаҳо, ҳамчун саъю кушиш, ирода ҳамчун қобилият, ирода ҳамчун хоҳиш, розигӣ, ирода – ҳадафнок будан.

Аз ин хулосабарорӣ бармеояд, ки иродаи шахсро ба якчанд амалҳои ҷузъӣ ҷудо намудан дуруст мебошад. Дар навбати аввал шахс барои расидан ба ҳадафи худ амалҳои худро дарк менамояд ва барои ноил гардидан ба он усулу воситаҳоеро интихоб менамояд, ки имконпазирии муваффақияти ӯро дар ин самт бештар мегардонад. Баъд аз муайян намудани ҳолати даркнамоӣ ва андешаронӣ шахс барои худ қарори зарурӣ қабул менамояд, сипас дар иродаи ӯ ифода карда мешавад. Дар ин замина иҷрои амалҳои мазкур метавонад аз якчанд марҳила иборат бошад. Аммо бояд дар назар дошт, ки иродаи тарафҳои аҳд аз иродаи давлат ҷудо ба амал бароварда намешавад, зеро давлат бо муқаррар намудани ҳуқуқ ба шахс замина фароҳам меорад. Бояд тазаккур дод, ки дар муносибатҳои ҳуқуқии маданӣ ва дилхоҳ дигар муносибатҳои ҳуқуқӣ, ба мисли бастани аҳд аз ҷониби субъектони ҳуқуқи маданӣ дар иродаи давлат зоҳир мегардад, яъне муносибатҳои ҳуқуқӣ воқеан муносибатҳои иҷтимоӣ ба ҳисоб рафта бо иродаи давлат тавассути қабули меъёрҳои ҳуқуқӣ ифода ёфтааст. Бастани намуди мухталифи аҳд пеш аз ҳама он гоҳ имконпазир аст, ки онро давлат эътироф намудааст ва баъдан ҳангоми мавҷудияти он аз иродаи тарафҳо, яъне розигии онҳо вобастагии ногусастанӣ дорад. Бинобар асосҳои мазкур маҳдуд намудани ба миён омдани амали ҳуқуқӣ бо ирода ва ё розигии субъекти ҳуқуқ нодуруст мебошад. Алоқаманд намудани оқибатҳои ҳуқуқӣ танҳо ба раванди ботинии ирода нодуруст мебошад, зеро он ягон амалӣ ҳуқуқиро ба вуҷуд наовардааст ва аз натиҷаи он ягон амалӣ мусбӣ ё манфӣ сар назадааст. Аз нигоҳи ҷараёнҳои ҳуқуқӣ ҳамеша ба ҳолате аҳаммият дода мешавад, ки дар ифодаи зоҳирӣ амали муайян мушоҳида шудааст.

Боби дуюм **"Намудҳо ва шаклҳои ҳуқуқкии розигӣ дар ҳуқуқи маданӣ" буда, он аз ду зербоб иборат мебошад.**

Зербоби якуми Боби дуюм **"Намудҳо ва аломатҳои розигӣ ҳамчун тарзи батанзимдарорӣ дар ҳуқуқи маданӣ"** номгузорӣ шуда, дар он розигӣ ҳамчун воситаи танзимкунанда ба раванди ба даст овардани созиш ё аҳд байни иштирокчиён дар вазъият мушаххас тааллуқ дорад. Ин як ҷанбаи муҳими ҳамкории байнишахсӣ, идоракунии ташкилӣ, муносибатҳои ҳуқуқӣ ва дигар соҳаҳо мебошад. Ҳуқуқи маданӣ аз сабабе, ки падидаи розигӣ ба яке аз намудҳои амалҳои ҳуқуқӣ тааллуқ дорад ва дар муносибатҳои ҳуқуқ дар

муайян намудани ҳолатҳои ҳуқуқӣ истифода мешавад ва бо ин роҳ ба ӯ нақши иҷтимоию иқтисодӣ дода мешавад, яъне доираи танзими ӯ дар муносибатҳои маданӣ васеъ мегардад.

Муаллиф қайд менамояд, ки табиати ҳуқуқии розигӣ бо хусусиятҳои хоси он пешакӣ муайян карда мешавад. Розигиро аз рӯйи аломатҳои зерин тасниф намудан дуруст аст: розигӣ амали танҳо як тарафи муносибати ҳуқуқӣ мебошад, ки хусусияти иловагӣ дошта, мазмуни он содда буда, дар таъмин намудани манфиатҳои шахсӣ ва ҷамъиятӣ заминаи ҳуқуқӣ фароҳам меорад. Маҷмуи аломатҳои номбаргардида розигиро ташаккул медиҳанд. Бояд ба назар гирифт, ки заминаи ҳуқуқии розигӣ дар қонун ё шартнома инъикос гардида, аз ҷониби як тарафи муносибат тасдиқ намудани амалҳои худ ва тарафи дигар мебошад ва он бояд ҳамчун як навъи махсуси амали ҳуқуқӣ муқаррар карда шавад.

Дар натиҷаи таҳлилу омӯзиши ақидаи олимони гуногун, таҷрибаи ҳуқуқии мавҷуда ва талаботи қонунгузории давлатҳои мухталиф таснифоти падидаи розигиро муаллиф пешниҳод намудааст:

1. Розигӣ аз рӯйи заминаи ҳуқуқӣ метавонад ба намудҳои зерин ҷудо шавад: - розигӣ, ки тибқи талаботи КМ ҶТ дар ҳолатҳои дахлдор талаб карда мешавад; - розигӣ, ки тибқи муқаррароти қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки намуди муайяни муносибатҳои ҳуқуқии маданиро танзим мекунад, дода шудааст; - розигӣ, ки дар асоси муқаррароти санади зерқонунӣ муқаррар гардидааст; - розигӣ, ки зарурати он дар шартномаи мушаххас пешбинӣ шудааст.

2. Аз рӯйи шакли изҳори розигӣ онҳоро муаллиф ба гурӯҳҳои зерини онро ҷудо намудааст, ки қобили қабул мебошад: - розигие, ки тавассути амалҳои ғайришифоҳӣ анҷом дода мешавад; - розигӣ дар шакли хаттӣ баён карда мешавад; - розигии нотариалӣ.

3. Вобаста ба манфиати бо розигӣ таъминшаванда: – розигие, ки қонеъ гардонидани манфиати субъекте, ки барои ифодаи он ваколатдор аст, таъмин менамояд; – розигии шахсе, ки ваколати додани розигиро дорад ба манфиати шахси дигари зикршуда; – розигие, ки қонеъ гардонидани манфиатхои чамъиятиро таъмин менамояд.

4. Вобаста ба табиати ҳуқуқи кирдоре, ки барои иҷрои он розигӣ зарур аст, инҳоро ҷудо менамояд: - розигӣ барои анҷом додани аҳд; - розигие, ки барои иҷрои амали ҳуқуқӣ зарур мебошанд; – розигие, ки ҳуқукро ба вуҷуд меорад, яъне унсури таркибии онро ташкил медиҳад; – розигие, ки боь воситаи он ҳуқуқ тағйир меёбад ва унсури таркибии онро иваз менамояд; - розигие, ки унсури таркибии таркиби ҳуқуқии ба қатъкунанда мебошад.

6. Аз рӯйи муносибатҳои вақти бо амали ҳуқуқӣ, ки розигӣ талаб мекунанд, инҳо ҷудо мешаванд: - розигии пешакӣ; - розигии минбаъда.

7. Аз рӯйи табиати ҳуқуқӣ розигиро ҷудо мекунад: - розигӣ, ки санади маъмурӣ мебошад; - розигӣ, ки санади ҳуқуқии маданӣ мебошад.

Дар зербоби дуюми Боби дуюм, ки **“Шаклҳои ҳуқуқӣ ва вазифаҳои розигӣ дар ҳуқуқи маданӣ”** номгузорӣ шудааст, муаллиф қайд менамояд, ки ҳуқуқи маданӣ дар танзими муносибатҳои молумулкӣ ва ғайримолумулкӣ нақш бозида, яке аз вазифаҳои он муқаррар намудани доираи амалҳо барои ноил гардидан ба мақсадҳои иқтисодӣ мебошад. Яъне, ҳуқуқи маданӣ ба нақши муносибатҳои иқтисодӣ зуҳуроти ҳуқуқӣ бахшида, ҳуқуқу манфиатҳои иқтисодии шаҳрвандонро то андозаи аз нигоҳи ҳуқуқ танзим ва ҳимоя намудааст. Падидаи баррасишаванда ба монандӣ изҳори розигӣ дар муносибатҳои иқтисодии бо ҳуқуқ ҳимоягардида яке аз заминаҳои асосӣ ба шумор меравад, зеро бе розигии тарафайн ва ҳамаи иштирокчиёни муносибатҳои маданӣ, ки бештар ба иқтисодиёт нигаронида шудааст, ғайриимкон аст. Шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ дар ҷомеа бе розигии тарафи дигари муносибат ё шахсони сеюм наметавонанд ба мақсадҳои иқтисодии худ ноил гарданд ва агар розигӣ набошад худ муносибатҳои тарафайн ба вуҷуд намеоянд. Баҳри ҳимояи манфиатҳои инсон ва шаҳрванд меъёри ҳуқуқ заминаи махсусро ба худ касб намуда, яке аз воситаҳои авввалин ва муҳимтарини танзими муносибатҳои иқтисодӣ ба шумор меравад, ки ба таври ягона рафтор намудани субъектони муносибатҳои маданиро водор менамояд.

Боби сеюм **“Оқибатҳои ҳуқуқии риоя накардани ифодаи розигӣ дар ҳуқуқи маданӣ”** номгузори шуда, аз ду зеярбоб иборат мебошад.

Зербоби якуми Боби якум **“Тартиби ифодаи розигӣ дар амали субъектони ҳуқуқи маданӣ”** буда, муаллиф қайд менамояд, ки ба монанди ҳама гуна амали ҳуқуқӣ розигӣ як амали фаъол аст. Дар баробари ин, аҳаммияти ҳуқуқии он дар риояи талаботи муайян оид ба тартиби баёни розигӣ мебошад. Дар қонун муқаррар гардидани қоидаҳои изҳори розигӣ ба муътадил гардидани муомилоти маданӣ мусоидат намуда, самаранокии тамоми механизми танзими маданиро баланд мебардорад. Танзими ҳуқуқии мадании шакли изҳори розигӣ ба аҳд, ки дар моддаҳои алоҳидаи КМ ҶТ мавҷуд аст, танҳо дар он ифода меёбад, ки шахси ваколатдор (мақом), ки розигии ӯ барои аҳд зарур аст, дар бораи розигии ӯ ё дар бораи шахсе, ки розигиро дархост кардааст ё дигар шахси манфиатдор агар рад карда шавад, хабар медиҳад. Набудани тавзеҳот, ки бо кадом роҳ ва дар кадом шакл фиристода шудани ин розигӣ дар оянда метавонад дар байни иштирокчиёни аҳди маданӣ нофаҳмиҳоро ба вуҷуд орад.

Зербоби дуюми Боби сеюм **“Оқибатҳои ҳуқуқӣ-мадании амалҳое, ки бе розиғии дахлдор иҷро карда шудаанд”** буда, муаллиф қайд менамояд, ки розигӣ як амали иловагӣ барои қонунӣ эътироф гардидани амалҳо ва аҳдҳо дар соҳаи ҳуқуқи маданӣ мебошад. Ин хусусият яке аз аломатҳои мухимтарини он мебошад. Ба ибораи дигар, розигӣ ҳамеша ҳамчун унсури таркиби ҳуқуқӣ амал мекунад ва танҳо дар якҷоягӣ бо дигар амалҳои ҳуқуқӣ самараи ҳуқуқӣ медиҳад. Ба ин муносибат қайд карда мешавад, ки оқибатҳои

надодани розигӣ ба назар маълум мересанд. Агар розигӣ дода нашавад, он гоҳ ягон ҳолати ҳуқуқие, ки ба сохтори ҳуқуқӣ дохил мешавад, ҷой надорад ва бинобар ин оқибатҳои ҳуқуқии дахлдор, ки одатан дар пайдоиш, тағйир ё қатъ гардидани муносибатҳои ҳуқуқи ифода ёфтаанд, ба вуҷуд омада наметавонанд.

Дар **хулоса** дар натиҷаи омӯзиши паҳлуҳои назариявӣ ва амалии розигӣ хулосаҳои илмии ба даст овардашуда, пешниҳодҳо ва тавсияҳо манзур карда шудаанд.

**Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқ**от аз он иборат аст, ки як қатор мафҳумҳои назариявии дар рисола таҳияшуда, таснифоти пешниҳодгардида ва дигар муқаррароти назариявӣ метавонанд назарияи ҳуқуқи маданиро оид ба масъалаҳои розигӣ дар қонунгузорӣ ва ҳуқуқи маданӣ  дар умум ва махсусан дар муносибатҳои шартномавӣ ба таври назаррас ғанӣ гардонанд. Хулосаҳои назариявӣ ва тавсияҳо дар ҷараёни ворид намудани тағйиру иловаҳо ба қонунгузории амалкунандаи маданӣ ба инобат гирифта, онҳоро дар таҳқиқи минбаъдаи муқаррароти назариявӣ оид ба моҳияти розигӣ дар муносибатҳои маданӣ низ  истифода бурдан мумкин аст. Аҳаммияти амалии таҳқиқот дар он ифода меёбад, ки тавсияву пешниҳодоти дар он овардашударо барои такмили минбаъдаи механизми танзими ҳуқуқии «розигӣ»  истифода бурдан мумкин аст. Натиҷаҳои таҳқиқот метавонанд барои донишҷӯён, магистрон. докторони PjD ва аспирантҳо ҳангоми навиштани корҳои курсӣ, рисолаҳо ва мақолаҳои илмӣ оид ба ин мавзу муфид буда, пешниҳодҳо ва асосҳои дар таҳқиқот баёнгардида метавонанд, дар амалияи судӣ ҳангоми ҳалли баҳсҳои мушаххас оид ба тартиби додани розигӣ ва оқибатҳои набудани розигии зарурӣ ба назар гирифта шаванд. Хулосаҳое, ки дар таҳқиқоти диссертатсионӣ таҳия шудаанд, метавонанд барои такмил додани меъёрҳои қонунгузории маданӣ, ки ба розигии аҳд, инчунин дигар изҳороти иҷозатдиҳандаи ирода таъсир мерасонанд, истифода шаванд.

**Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот** ба таҳлили воқеъбинона ва ҳаматарафаи пажуҳишҳои назарӣ ва амалии марбут ба паҳлуҳои гуногуни розигӣ, таҳлили натиҷа ва хулосаҳои дар илм пазируфташуда, мафҳумҳо, ақидаҳо ва тавсияҳои назарию амалии муаллиф, нуктаҳои илмии таҳқиқот ва тавсияҳо, таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии қонунгузории миллӣ бо санадҳои меъёрии ҳуқуқии байналмилалӣ дар самти татбиқи розигӣ, таҳқиқи ҳолати кунунӣ, дурнамо ва роҳҳои пешрафт ва самараноки ҳифзи судӣ ҳангоми гирифтани розигӣ асос мегарданд.

**Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодгардида ва тавсияҳои наҳариявию амалии дар таҳқиқот** пешниҳодгардида асоснок буда, дар натиҷаи омӯзиши адабиёти сершумори ҳуқуқӣ, таҳлили таҷрибаи судӣ ва қонунгузории Тоҷикистону давлатҳои дигар, баҳо додани фикру ақидаҳои олимону мутахасисони соҳа ба даст оварда шулааст.

Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар пешниҳоди роҳҳои иҷрои тамоми вазифаҳои асосии дар доираи диссертатсияи ҳалшаванда, нақши калидии онҳо дар тамоми марҳилаҳои таҳқиқ ва тафсири натиҷаҳои бадастомада, ки дар корҳои илмии ба табърасида дар нашрияҳои тақризшаванда чоп гардидаанд, таҷассум меёбад. Муаллифи диссертатсия мафҳуму табиати ҳуқуқии розигӣ, намудҳо, шаклҳо, тарзҳои ифода, инчунин, оқибатҳои ҳуқуқӣ-мадании амалҳое, ки бе розигии дахлдор иҷро карда шудаанд, шарҳу тафсир намудааст.

Мавзуъ ва мазмуни таҳқиқот ба шиносномаи ихтисоси 12.00.03 - Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ, ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ, ки аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти ҶТ тасдиқ карда шудааст, пурра мутобиқ мебошад.

Доир ба мавзуи диссертатсия ва моҳияти он унвонҷӯ 11 мақолаҳои илмӣ, аз ҷумла 7 мақолаҳо дар маҷаллаҳои тақризшавандаи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти ҶТ ва 4 мақола дар нашрияҳои дигар ба табъ расонидааст.

Хулоса, натиҷа ва нуктаҳои асосии дар рисола дарҷгардида дар мақолаҳои илмии нашргардида инъикос ёфтаанд. Оид ба мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ муаллиф дар семинарҳо, конференсияҳои илмӣ-назариявӣ ва илмӣ-амалӣ бо маърӯзаҳо баромад намудааст, аз ҷумла муаллиф дар даҳ конференсияҳои байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ вобаста ба мавзуи таҳқиқот маърӯзаҳо намудааст, ки дар умум мазмун ва моҳияти таҳқиқот дар онҳо кушода дода шудаанд.

**Теъдоди маводи чопшуда** ва маърӯзаҳо дар конференсияҳо ба банди 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад.

Таҳқиқоти диссертатсионии Шерзода М.А. ба талаботи бандҳои 31 ва 33 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, **мутобиқат** менамояд.

**Саҳми муаллифи** диссертатсия дар он ифода меёбад, ки диссертатсия аз ҷониби муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои мазмун ва мантиқи ягонаи дохилӣ мебошад. Сатҳи навгонии илмии диссертатсия, нуктаҳои илмӣ ва пешниҳоду тавсияҳои амалие, ки ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, мақолаҳои илмӣ ва маърӯзаҳо дар конференсияҳои илмӣ-амалӣ, тарзи навишт, масъалагузорӣ ва услуби таҳқиқоти илмӣ саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳад.

**Хулоса**, рисолаи диссертатсионии Шерзода Меҳрангез Абдувалӣ дар мавзуи “Проблемаҳои ҳуқуқи мадании танзими розигӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” ба талаботҳо оид ба таҳқиқотҳои диссертатсионӣ дар мавриди

дарёфти дараҷаи илмии номзади илм мувофиқ буда, муаллифи он сазовори ноил гардидан ба дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03 - Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ, ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ мебошад.

Роҳбари илмӣ:
Мудири шуъбаи масоили назариявии давлат ва ҳуқуқи муосири Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон,
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Бобоҷонзода И.Ҳ.

Суроғаи роҳбари илмӣ:
734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, ноҳияи Сино, кӯч.
А.Ғуломов 13, ҳуҷ. 3.
Тел.: +992 93-510-77-11.
E-mail: bobojonov_i@mail.ru

Имзои Бобоҷонзода И.Ҳ.-ро тасдиқ мекунам:
Сардори шуъбаи кадрҳои ИФСҲ АМИТ Абдураҳмонзода Б.А.

«10» 10. 2025 с.

Суроғаи муассиса:
734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 33.
Тел.: +992 (37) 221-03-28.
E-mail: www.ifppanrt.tj